ТАҚРИЗ

ба диссертатсияи Ғаффорзода Шохрух Ҳабибулло дар мавзуи «Хусусиятҳои ғоявию бадеии осори мансури Убайди Зоконӣ», барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илми филология аз рӯи ихтисоси 10.01.01 – Адабиёти тоҷик; равобити адабӣ. - Душанбе, 2022. – 370 саҳ.

Таҳқиқи паҳлуҳои мухталифи насри бадеии классикии форсии тоҷикӣ дар адабиётшиносии муосири тоҷикӣ яке аз масъалаҳои мубрам ва воқеӣ ба ҳисоб меравад. Дар таърихи адабиёти классикии форсии тоҷикӣ ба анвои мухталифи наср осори зиёд аз ҷониби нависандагони гуногунандеша офарида шудааст, ки аз нигоҳи мавзуъ, мухтассоти жанрӣ ва масъалагузорӣ мухталиф буда, аз нигоҳи бадеият дар пояи баланд эҷод шудаанд.

Яке аз нависандагони сермаҳсул, навгӯ ва ҳаҷвнигори машҳур дар таърихи адабиёти классикии форсии тоҷикӣ Низомиддин Убайди Зоконӣ мебошад, ки насри ӯ ва офаридаҳояш дар мисоли худ беназиранд. Асарҳое, ки Низомиддин Убайди Зоконӣ эҷод кардааст ва шеваи таълифи ӯву сабки баёнаш дар миёни осори мансури адабиёти мо, ки қабл аз ӯ офарида шудаанд, собиқа надоштанд. Убайди Зоконӣ ба ягон нависандае тақлид ва пайравӣ накарда, чунин асарҳои ҷолиберо офаридааст ва метавон ӯро ба сифати як нависандаи навовари ҳаҷвнигор шинохт ва эътироф кард.

Дар осори насрии Убайди Зоконӣ яке аз масъалаҳои муҳим – ҳаҷви иҷтимоӣ мавқеи сазовор дорад ва Убайди Зоконӣ, ки солҳо дар муҳити дарбори ҳокимони замони худ зистааст, камбудиҳо ва норасоиҳои рӯзгори иҷтимоии мардумро дидаву санҷида, чунин осори мондагоре эҷод кардааст ва хислатҳои зишти намояндагони касбу кори гуногунро ҳаҷв намудааст, ки моҳияти баланди худро то имрӯз аз даст надодаанд. Аммо андешаҳои ҳадафманди Убайди Зоконӣ танҳо ҳаҷву танзи холӣ нестанд ва ин нависандаи бузург хостааст, ки тавассути ҳаҷви иҷтимоӣ ва суханони ҳадафрас ахлоқи ҷомеаро ба танзим оварад.

Дар адабиётшиносии муосири даврони шӯравӣ ва пасошӯравии тоҷикӣ таҳқиқи рӯзгору осор ва паҳлуҳои гуногуни он аз ҷониби донишмандон

Х.Мирзозода, М. Бақоев, С. Муллоҷонов, М. Рачабов, А. Насриддинов, И.С. Брагинский, И. Усмонов, А. Муродов, А. Абдусатторов ва дигарон баррасӣ гардидаанд, ки аз ин миён таҳқиқоти Х. Мирзозода, М. Рачабов ва И. Усмонов бартариҳо ва дастовардҳои назаррас доранд, ки ин нуктаҳо дар диссертатсияи Ғаффорзода Шоҳрух Ҳабибулло як-як бозгӯй шудаанд. Зарур ба таъкид аст, ки роҷеъ ба масъалаҳои маҳорати нависандагӣ, таснифоти жанрии осори мансури нависанда, ҳусну таъсири сухани Убайди Зоконӣ ва хусусиятҳои ғоявию бадеии асарҳои насрии ин нависандаи тавоно то кунун дар адабиётшиносии муосири тоҷикӣ таҳқиқоти монографии фарогири ин масъалаҳо ба майдон наомада буд.

Диссертатсияи Ғаффорзода Шоҳрух Ҳабибулло **«Хусусиятҳои ғоявию бадеии осори мансури Убайди Зоконӣ»**, ки маҳз ба таҳқиқи масъалаҳое, ки баён доштем, бахшида шуда, аз нигоҳи мавзуъ, масъалагузорӣ, баррасии масъалаҳои зиёди таҳқиқӣ, баҳсу талошҳои илмӣ ва натиҷагирӣ, воқеан, кори тоза ва дар сатҳи хуби илмӣ анҷомёфта буда, дар адабиётшиносии муосири тоҷикӣ саҳифаи нав аст.

Диссертатсияи Ғаффорзода Шоҳрух Ҳабибулло **«Хусусиятҳои ғоявию бадеии осори мансури Убайди Зоконӣ»** аз муқаддима, се боб ва хулосаву китобнома иборат аст. Дар муқаддимаи диссертатсия мубрамии мавзуи таҳқиқ, дараҷаи таҳқиқи мавзуъ, робитаи таҳқиқ бо барномаҳо ва мавзуъҳои илмӣ ва дар қисми тавсифи умумии таҳқиқ мақсад, вазифаҳо, объекту предмет, асосҳои назарӣ, методологӣ, сарчашмаҳо ва навгонии илмии таҳқиқ, нуктаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда, аҳаммияти назарӣ ва амалии таҳқиқ, мутобиқати мавзуи диссертатсия бо шиносномаи ихтисоси илмӣ, саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ ва тасвиби амалии натиҷаҳои таҳқиқ бо низоми муайян баён гардидаанд.

Боби якуми диссертатсия **«Осори мансури Убайди Зоконӣ ва хусусиятҳои жанрии онҳо»** аз се фасл ва фасли охир аз панҷ зерфасл иборат аст, ки дар ин боб масъалаҳои таҳаввули насри бадеӣ то замони Убайди Зоконӣ, мақоми насри бадеӣ дар эҷодиёти Убайди Зоконӣ, мухтассоти

жанрии насри Убайди Зоконӣ, дар мисоли латифа, ҳикоя, луғат, амсолу панд ва дигар жанрҳои адабӣ пайдарпай таҳлилу таҳқиқи илмӣ шудаанд. Ин боб ба навъе даромад ё ворид гардидан ба таҳқиқи масъалаҳои мубрамтари диссертатсия ба ҳисоб меравад, ки муҳаққиқ дар ин ҷо анвоъ ва хусусиятҳои жанрии насри Убайди Зокониро муайян ва таҳлил карда, дар бобҳои навбатӣ ба пажӯҳиши масъалаҳои асосии диссертатсия пардохтааст.

Дар **зерфасли 1.3.3., ки «Луғат»** унвон дорад, муҳаққиқ чунин таъкиде кардааст: «Дар эҷодиёти Убайд як навъи насрие истифода гардидааст, ки он шаклан бо кутуби луғат шабеҳ аст, вале бо хусусиятҳои худ аз луғатнигории илмӣ фарқи назаррас дорад. Зеро ин навъи луғатнигорӣ, агарчи бардошти муаллиф аз оини луғатнигории илмист ва бо илми забоншиносӣ иртиботи шаклӣ дорад, аммо ба муҷиби назари махсуси муаллиф онро дар эҷодиёти Убайд метавон ҳамчун жанри нави адабие таҳти унвони жанри луғат эътироф кард. Ин жанр дар рисолаи «Даҳфасл» ё «Таърифот»-и адиб истифода гардидааст» (диссертатсия, саҳ.92), ки ин бардошти муаллиф сухани тоза аст.

Боби дуюми диссертатсия **«Хусусиятҳои ғоявии осори мансури Убайди Зоконӣ»** унвон дошта, аз панҷ фасл фароҳам омадааст, ки ин ҷо муҳаққиқ масъалаҳои вижагиҳои ҳаҷву мутоиба дар осори мансури Убайди Зоконӣ, танз ва мухтассоти он, нақди иҷтимоӣ, афкори дидактикӣ, шиква аз ҳоли худ ва нобасомониҳои рӯзгорро ба таҳқиқ гирифтааст. Муҳаққиқ барои таҳқиқи ҳаҷву мутоиба аввал маънои луғавии ин вожаҳоро аз чанд луғат бо шоҳиди маъной оварда, тадриҷан маънои истилоҳии ин вожаҳоро бо овардани мисолҳо аз эҷодиёти Убайди Зоконӣ баррасӣ намудааст. Дар фасли сеюм муҳаққиқ масъалаи муҳимми нақди иҷтимоиро, ки дар насри Убайди Зоконӣ басомади зиёд дорад, ба таҳлил гирифтааст ва таъкид мекунад, ки: «Дар эҷодиёти Низомуддин Убайди Зоконӣ нақди иҷтимоӣ яке аз масъалаҳои асосӣ ва бо мақсади муайян матраҳшудае мебошад, ки фарогири бори вижаи маъной аз ҷиҳатҳои гуногун, аз ҷумла, назари таҳлилӣ ба ҷомеа, диди интиқодӣ ба масъалаҳо, нешханди малеҳ ба падидаҳои номатлуби дар ҷомеа рӯйдода ва ғайра мебошад. Вижагиҳои мазкурро ба иловаи тарзи баёни

ҳунарии онҳо метавон дар осори мансури нависанда ба таври фаровон мушоҳида кард» (диссертатсия, саҳ.152). Воқеан, интиқоди иҷтимоии Убайди Зоконӣ дар ҳамаи асарҳои насрияш дар адабиёти классикии мо беназиранд.

Ғаффорзода Шоҳрух Ҳабибулло дар **фасли чаҳоруми боби дувуми диссертатсия, ки «Афкори дидактикӣ»** ном дорад, асосан масъалаҳои ахлоқиро, ки дар осори мансури Убайди Зокони мақоми арзанда доранд, ба таҳқиқ гирифтааст, ки ба таври умумӣ аз мавзуъҳои ҳикмат, шуҷоат, иффат, адоват, саховат, ҳилм, ҳаё ва сидқ иборатанд, ки муҳаққиқ барои исботи андешаҳои худ, ба ҳар яке аз ин мавзуъҳо мисолҳои бисёр оварда, таҳлил намудааст, ки нависанда ахлоқи шоистаи мардумро тавсиф ва ахлоқи ношоистаро мазаммат кардааст. Дар ин фасл намунаҳо асосан аз рисолаҳои «Даҳфасл» ва «Ахлоқ-ул-ашроф» оварда шудаанд.

Фасли панҷуми боби дувуми диссертатсия «Шиква аз ҳоли худ ва нобасомониҳои рӯзгор» номгузорӣ шудааст», ки фасли ҷамъбастии боби дувум мебошад ва андешаҳои Убайди Зоконӣ дар мавриди мазаммати ахлоқи зишти гузаштагон ва ҳамзамононаш, ба гунаи бедонишию ҷаҳолат, тарсуию бешуҷоатӣ, беиффатию бадахлоқӣ, беномусию бевиҷдонӣ ва ғайра дар ин фасл ба таҳлил гирифта шудаанд. Боби дувум ҳамзамон бахше аз унвони диссертатсия аст, ки аз бобҳои меҳварӣ ба ҳисоб меравад ва таҳқиқу таҳлили илмӣ ва натиҷагириҳо дар ин боб ҷолибанд.

Боби сеюми диссертатсия **«Хусусиятҳои бадеии насри Убайди Зоконӣ»** аз се фасл, фасли сеюм аз се зерфасл ва зерфасли севум аз ду бахш таркиб ёфтааст. Дар боби сеюм масъалаҳои эҷози сухан ва балоғати калом, истифодаи унсурҳои фолклорӣ дар насри Убайди Зоконӣ, сабк ва тарзи баён, хусусиятҳои забонӣ, мухтассоти фикрӣ, воситаҳои баён ва тасвири бадеӣ дар асарҳои нависанда ба таҳқиқ гирифта шудаанд. Аз хусусиятҳои муҳимми осори бадеии Убайди Зоконӣ мухтасарбаёнӣ аст, аммо мухтасарбаёнии ҳунармандона, ки вобаста ба ин масъала муҳаққиқ дар муҷазии баёни Убайди Зоконӣ, дар мисоли рисолаи «Даҳфасл» чунин мегӯяд: «Тамоми таърифоти мафҳумҳову ашё дар асари мазбур ҷуз аз як ҷумларо убур

намекунанд ва муаллифи асар дар ин маврид кӯшида, ки зимни бакоргирии ҷумла дар қисмати мавсуф ё сифат суханро ҷуз аз як ҷумла зиёд накунад. Ҷумлаҳои мураккаб низ дар асари мазкур қиёсан басо кам истифода гардидаанд. Бад-ин ҷиҳат, «Даҳфасл»-ро дар мавриди эҷози калом метавон муҳҷазтарин асари Убайди Зоконӣ эътироф намуд» (диссертатсия, саҳ.197). Ва дар давоми ҳамин саҳифа таъкид мекунад, ки: «Муҳҷазбаёнӣ дар дигар асарҳои Убайд ҳам фаровон истифода гардидааст. Ин равиш дар рисолаҳои «Садпанд» ва «Дилкушо»-и адаб баъд аз «Даҳфасл»-и ӯ бештар мушоҳида мегардад» (диссертатсия, саҳ.197).

Дар фасли дувуми боби севум **«Унсурҳои фолклорӣ ва диди мардумӣ»** ҷойгоҳи унсурҳои фолклорӣ ва гуфтугӯии мардумӣ, ки дар латифаҳо ва ҳикоятҳои адиб зиёд ба назар мерасанд ва яке аз хусусиятҳои вижаи осори мансури Убайданд, ба таҳлил гирифта шудаанд. **Фасли сеюми боби сеюми диссертатсия «Сабк ва тарзи баён»** ном дорад ва аз се зерфасл иборат буда, масъалаҳои аслии сабкшиносии насри бадеии Убайди Зоконӣ, аз ҷумла хусусиятҳои забонӣ, мухтассоти фикрӣ, воситаҳои баён ва тасвири бадеӣ дар ин ҷо ба таҳлил гирифта шудаанд. Дар ин фасл ва зерфаслҳо хусусиятҳои забонӣ, дороиҳои забону баёни адиб, истифодаи ҳунармандонаи ӯ аз вожаву таъбирҳои забони форсии тоҷикӣ, сохти ҷумлабандии ҷумлаҳои сода ва мураккаб, ба кор гирифтани калимаҳои арабӣ, корбурди вожаҳои порсоёна ва хусусияти онҳо, муколама, амсилаҳои шеърӣ, эҷоз ё усули мухтасарбаёнӣ, низоми образофаринӣ, воситаҳои баён, тасвироти бадеӣ ва ғайра, ки дар маҷмуъ сабку тарзи баён, ҳунари нависандагии Убайди Зоконӣ ва фазои поэтикии насри бадеии адибро, ки махсуси эҷодиёти ӯст, муайян мекунанд ва бо далелу асноди зиёд ба пажуҳиш кашида шудаанд.

Дар хулосаи диссертатсия натиҷаҳои асосии таҳқиқ дар 31 банди мушаххас ва тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳо дар 9 банди фишурда оварда шудаанд, ки бардошти хуби муҳаққиқ аз таҳқиқи мавзуи илмӣ мебошад.

Диссертатсияи Ғаффорзода Шоҳрух Ҳабибулло дар мавзуи **«Хусусиятҳои ғоявию бадеии осори мансури Убайди Зоконӣ»** вобаста ба ҳадафу равиши таҳқиқ, методологияи таҳқиқ, масъалагузориҳо, шеваи таҳқиқ, баҳсҳои илмӣ, назари шахсии муаллиф ва натиҷагириҳо муҳассаноти зиёди илмӣ дорад. Новобаста ба ин муваффақиятҳо баъзе ноҷӯриҳо дар диссертатсия ба назар расиданд, ки онҳоро баён медорем:

1. Вобаста ба таҳқиқ ва шарҳи осори Убайди Зоконӣ китобҳои адабиётшиноси тоҷик, профессор Исрофилниё Ш. бо унвонҳои:

- Шарҳи мунтахаби «Рисолаи дилкушо»-и Убайди Зоконӣ. – Душанбе: «Нигоҳ», 2016. – 96 саҳифа, ва:

- Шарҳи мунтахаби латоифи Убайди Зоконӣ. – Душанбе: «Пайванд», 2017. – 218 саҳифа дар қисмати дараҷаи омӯзиши мавзуъ ва рӯйхати китобнома оварда нашудаанд.

2. Дар фасли дувуми боби сеюм, ки «Унсурҳои фолклорӣ ва диди мардумӣ» (саҳ.211-218) унвон дорад, муҳаққикро зарур буд, ки чандин намунаи мақол ва зарбулмасалҳои халқиро, ки Убайд истифода кардааст ё гуфтаҳои нависанда, ки тадричан шакли мақол ва зарбулмасалро гирифтаанд, ба таври алоҳида нишон медод.

3. Дар диссертатсия, дар саҳ. 95 ҷумлаи зер дар шакли «Ат-табиб – ҷаллод» ва дар саҳ. 97 ба шакли «Ал-табиб – ҷаллод» оварда шудааст ва ҳамин гуна ба тарзҳои гуногун навиштани мисолҳо дар саҳифаҳои дигар низ ба назар мерасад.

4. Дар саҳ.5 вожаҳои «дақиқият» ба ҷои «диққати том» ва «нокофӣ» ба ҷои «нокифоя» оварда шудаанд, ки калимаҳои сохта мебошанд.

5. Дар диссертатсия, дар баъзе саҳифаҳо ғалат навиштани калимаҳо, афтодани ҳарфҳо, нагузоштани аломатҳои китобат, такрори калимаҳо ба назар мерасанд.

Новобаста ба ин камбудҳо, ки баён доштем, Ғаффорзода Шоҳрух Ҳабибулло дар се боби диссертатсия ҷанбаҳои назарӣ ва хусусиёти ғоявию бадеӣ ва жанрии насри Убайди Зокониро бо фарогирии зиёди масъалаҳои

илмӣ, бахусус ҳунари асарофарии нависанда дар адабиёти классикии асри XIV аз нигоҳи методологияи илмӣ, банду басти проблемаҳо ва роҳҳои таҳқиқи он, ба равиши хуб ва забони фасеҳи илмӣ ба пажуҳиш гирифтааст.

Хулоса, диссертатсияи Ғаффорзода Шоҳрух Ҳабибулло дар мавзуи «Хусусиятҳои ғоявию бадеии осори мансури Убайди Зоконӣ», барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илми филология аз рӯи ихтисоси 10.01.01 – Адабиёти тоҷик; равобити адабӣ кори илмӣ-таҳқиқии анҷомёфта ба ҳисоб меравад.

Автореферати диссертатсия, гузоришҳои илмӣ ва мақолаҳои ба чоп расонидаи Ғаффорзода Шоҳрух Ҳабибулло муҳтавои асосии диссертатсияро инъикос намуда, аз лаёқати баланди илмии довталаби дараҷаи илмӣ гувоҳӣ медиҳанд.

Диссертатсияи Ғаффорзода Шоҳрух Ҳабибулло дар мавзуи «Хусусиятҳои ғоявию бадеии осори мансури Убайди Зоконӣ» ба талаботи бандҳои 31-35-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-июни соли 2021, таҳти № 267 тасдиқ шудааст, ҷавобгӯ буда, муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии доктори илми филология аз рӯйи ихтисоси 10.01.01 – Адабиёти тоҷик; равобити адабӣ мебошад.

Мукарризи расмӣ:
доктори илми филология, профессори
кафедраи назария ва таърихи адабиёти
ДДОТ ба номи Садриддин Айнӣ В. Элбоев

Суроғa: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
Шаҳри Душанбе, кӯчаи Шерализода 8/2, х.13
Тел.: +992 987600143
E-mail Vafo_1965@mail.ru
27 сентябри соли 2022

Имзои профессор В.Элбоевро тасдиқ мекунам:

Сардори раёсати кадрҳо ва корҳои
махсуси ДДОТ ба номи С.Айнӣ А.Мустафозода
27 сентябри соли 2022

Суроғa: 734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
Шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 121
Тел: +992 (37)224-13-83
E-mail: info@tgpu.tj